**Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад**

**Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk Austria International амалӣ мегардад**

Мавод барои марказҳои захиравии корхонаҳои таълимӣ- истеҳсолӣ дар доираи лоиҳаи **«Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар Тоҷикистон»** мураттаб гардидааст.





# *«Таҳлили татбиқшавии барнома оид ба истеҳсоли омехтаҳои меваҳои хушк»*


**Муҳаққиқ: Бахтиёр Абдувохидов**

**Ассотсиатсияи Зиёиёни-Илмӣ Техникии Тоҷикистон**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин-85а.
тел: (992 3422) 62432. Почтаи электронӣ: asti@sugdinter.com



Роҳнамои мазкур бо дастгирии молиявии созмони **Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи «Центральная Азия - Инвест»** таҳия ва нашр гардидааст. Афкори нашрияи мазкур ифодагари ҳатмии сиёсат ва мавқеи созмони Иттиҳоди Аврупо намебошад.

**Сентябри 2009**



Thank you for try DF Suite

**Мундарича** **Саҳ.**

| | | |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | **3** |
| **1** | **Мақсад, усул ва минтақаи таҳқиқот.** | **3** |
| **2** | **Шарҳи маҳсулот.** | **4** |
| **3** | **Таҳлили маркетингӣ** | **6** |
| **4** | **Таҳлили ташкил ва менеҷмент** | **10** |
| **5.** | **Асосноккунии техникӣ** | **15** |
| **6.** | **Таҳлили молиявӣ** | **20** |
| **7** | **Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ** | **20** |
| | **Хулоса аз рӯи асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ** | **21** |
| | **Замимаи 1.** Гост 1750-86. Хушкмева. Қоидаҳои қабул. Усули таҷрибавӣ. | **23** |

Ихтисораҳо:

БХМ – бизнеси хурду миёна
ФР – Федератсияи Россия
Н ТМ – Ноҳияҳои тобеи марказ

Қурби 1 доллари ИМА дар давраи таҳлил 4,40 сомониро ташкил мекард.

Thank you for trying PDF Suite

**Муқаддима.**

Hilfswerk Austria International дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ барномаи «Дастгирии муассисаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулоти меваву сабзавот дар Тоҷикистон», ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупоӣ дар ҳудуди барномаи “Осиёи Марказӣ - Инвест” маблағгузорӣ мешавад.

Мақсади барнома иборат аст, аз мусоидат намудан ба мустаҳкам кардани ҳамкории субъектҳои гуногуни агробизнес дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон, ба воситаи ғояҳои нави бизнес, баланд кардани сифати хизматрасониҳо барои дастгирии муассисаҳои хурду миёна ва фаъол кардани соҳаи коркард ва бастабандии маводи ғизоӣ мебошад.

Дар ҳудуди барномаи мазкур дар моҳи июни соли 2009 Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ ба татбиқи омӯзиш оид ба таҳлили татбиқшавии барнома оид ба истеҳсоли омехтаҳои меваҳои хушккардашуда пардохт.

Таҳлили мазкур дар Тоҷикистон бо истифодаи сарчашмаҳои аввалия ва дуюмдараҷа, аз ҷумла татбиқи таҳлил дар бозори яклухт дар бозорҳои меваҳои хушккардашуда дар ноҳияи Исфараи вилояти Суғд татбиқ карда шудааст. Барои таҳлили мазкур бо фермерон, фурӯшандагони меваҳои хушккардашуда ва истеҳсолгарони омехтаҳои шарбатҳои мева, аз ҷумла гузаронидани мусоҳибаҳо бо коркардкунандагони меваҳои хушкардашуда ба амал оварда мешавад.

Объекти таҳлил, мувофиқи дархости техникӣ, техника ва технологияи истеҳсол, бозори фурӯш мебошад. Инчунин маълумоти зарурӣ аз тариқи мусоҳиба ва мушоҳида, аз ҷумла мусоҳибаи сифатӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

Таҳлили мазкур барои ҳамаи соҳибкорон, намояндагони ассостсиатсияҳои ихтисосӣ, фермерон-соҳибкорон, коркардкунандагон ва ассостсисатсияҳои маркетингӣ, ки масъалаҳои рушду инкишоф додани истеҳсолот ва маблағгузорӣ тааллуқ дорад. Кори мазкур масъалаҳои банақшагирии соҳибкориро соддаву равшан карда барои қабули қарори дурусти соҳибкорӣ кӯмак хоҳад кард.

Ҳисоботи мазкур аз 7 қисм иборат мебошад. Дар қисми аввали ҳисобот мақсад, усул ва минтақаи таҳлил муқаррар карда шудааст. Дар қисми дуюм тавсифоти муфассали маҳсулоти аз омехтаҳои меваҳои хушккардашуда истеҳсолу коркард карда мешаванд, истифодаи онҳо ва сифатҳои фоиданоки онҳо шарҳ ёфтаанд. Дар қисми сеюм таҳлили асосноккунии барнома, ки аз муқаррар кардани имкониятҳои маркетинги маҳсулот иборат мебошанд, навъи маҳсулоти мазкур, ташаккулёбии нарх, шарҳи истеъмолкунанда иҷро карда шудаанд. Дар қисми чоруми таҳлил оид ба ташкилу менеҷмент таҳлили навъҳои гуногуни ширкатҳо аз нигоҳи сохтори ташкилии ширкат, шарҳи идоракунии ширкат, кодекси намунавии рафтор дар ширкат, методҳои ҳавасмандкунии корхона ифода ёфтаанд. Дар қисми панҷум асосноккунии техникии барнома анҷом дода шудааст, ки



Thank you for trying PDF Suite

таҷҳизот, ҷойгиркунии соҳибкорӣ, технологияи истеҳсолро шарҳ медиҳад. Таҳлили молиявӣ дар қисми шашуми кори мазкур оварда шудааст. Дар охир таҳлили хавфҳои қонунгузорӣ ва амалиётии ширкат баррасӣ гардидааст. Ҳисоботи мазкур бо пешниҳоди хулоса доир ба имконияти татбиқи барнома оид ба истеҳсоли омехтаҳои меваҳои хушккардашуда ҷамъбаст карда мешавад.

1. Мақсад, усул ва минтақаи таҳлил.

**Мақсади таҳлил** иборат аст, аз муайян кардани имкониятҳои татбиқи барнома оид ба истеҳсоли омехтаҳои меваҳои хушккардашуда дар Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони СХМ аз тариқи асосноккунии техникӣ-иқтисодии барнома мебошад.

**Усули таҳлил.** Барои татбиқи таҳлилу баррасии сарчашмаҳои аввалӣ ва ҳам дуюмӣ - интернет, нашрияҳо истифода шудаанд. Дар сарчашмаҳои аввалӣ аз тарафи мо дар бозорҳои яклухти хушкмеваҳо, хоҷагиҳои фермерӣ кор бурда шуд. Объекти таҳлил, мувофиқи дархости техникӣ- техника ва технология истеҳсол, бозори фурӯш буд. Аз ҷумла маълумоти зарурӣ аз тариқи мусоҳиба ва интервюи сифатӣ ба даст оварда шудаанд. Дар рафти таҳлил усулҳои сифатӣ ва воситаҳо дар шакли сафари хидматӣ ва мушоҳидаҳо, татбиқи интервью, омӯзиши маълумот ва мавод дар маҳалҳо истифода шуданд. Дар кори мазкур сухан дар бораи ширкати эҳтимолие меравад, ки метавонад миқдори кормандон дар худуди аз 10 то 50 нафар дошта бошад ва бо сармоягузории то андозаи 100,000 доллари ИМА ташкил карда шавад.
**Минтақаи таҳлил**. Тамоми таҳлилу баррасиҳо дар ҳудудиТоҷикистон гузаронида шудааст.

2. Шарҳи маҳсулот.

Аз рӯи маълумоти пешниҳоднамудаи сарагрономи Идораи кишоварзии вилояти Суғд Абдувоҳид Ёрматов дар Тоҷикистони шимолӣ дар панҷ соли наздик иловатан бештар аз 20 ҳазор гектар майдонҳои боғ аз ҳисоби ихтисор кардани майдонҳои пахта, аз ҷумла аз ҳисоби барқарор ва қисман азхуд кардани майдонҳои нав навъҳои беҳтарини зардолу ва ангур шинонида шудаанд. Ҳоло танҳо дар Тоҷикистони шимолӣ майдони умумии замин, ки барои боғ ва ангурзор ҷудо карда шудааст, бештар аз 64 ҳазор гектарро ташкил менамояд. Аз онҳо бештар аз 13 ҳазор гектарро ангурзор, 45 ҳазор гектарро – боғи зардолу ташкил мекунанд. Дар Тоҷикистони шимолӣ, бояд қайд гардад, ки 10% ҳамаи зардолузори ҷаҳон ҷойгир шуда дар ин ҷо бештар аз сад намуди зардолу парвариш карда мешавад. Дар баробари ин дар соли 2008 аз вилояти Суғд ба кишварҳои сеюм



Thank you for trying PDF Suite

бештар аз 100 ҳазор тонна меваҳои хушккардашуда, ки аксарияташ зардолуи хушк мебошад, содир карда шудааст. Дар панҷ моҳи соли 2009, яъне то аввали мавсим аллакай 65 ҳазор тонна хушкмева содир карда шудааст.

Ҳамин тавр, зардолуи парвариш кардашаванда дар тамоми Тоҷикистон ашёи асосии хоми омехтаҳои меваҳои хушккардашуда мебошад.

Нақшаи 1. Тавсияи қисмҳои асосии омехтаҳои меваҳои хушк:

| Т/р | Ном гӯй | Тарзи истеъмол | Маҳалли сабзидани фаровон |
|---|---|---|---|
| 1. | Зардолу | Намуди тару тоза, нӯшоба, хушккунӣ | Исфара, Конибодом, Ашт, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| 2. | Олу | Намуди тару тоза, хушккунӣ | Қирғизистон |
| 3. | Себ | Намуди тару тоза, хушккунӣ | Панҷакент, НТҶ |
| 4. | Ангур | Намуди тару тоза, нӯшоба, май, хушккунӣ | Истаравшан, Бобоҷон Ғафуров, НТҶ |
| 5. | Олуболу | Намуди тару тоза, хушккунӣ, компот | вилояти Суғд |
| 6. | Нок | Намуди тару тоза, хушккунӣ | вилояти Суғд |
| 7. | Шафтолу | Намуди тару тоза, хушккунӣ | вилояти Суғд |
| 8. | Олуча | Намуди тару тоза, хушккунӣ | вилояти Суғд |

Солҳои охир дар таркиби омехтаҳои компот хуч илова мекардагӣ шудааст, ки онро дар ноҳияҳои Ашту Исфара парвариш мекунанд ва ё дар ноҳияҳои кӯҳистони вилоятҳои Суғду Хатлон ҷамъоварӣ менамоянд.

Омехтаҳои хушкмева дар бозори ҷаҳонӣ бо ресептура, навъи резакунӣ, ашёи истифодашаванда фарқ мекунанд. Соҳибкорони тоҷик омехтаҳои хушкмеваро бо анвои зерин метавонанд истеҳсол намоянд:

- **Аз ашёи маҳаллӣ:** Себи хушк (қаламӣ, кубикҳо); мавиз (донадор ва бедона); ноки хушк (қаламӣ, дупала, якпала); шафтолуқоқ (қаламӣ, дупала); харбузақоқ (кубикҳо, қалам, якпала); қаролу (донакдор, бе донак); анҷирқоқ (пурра); зардолуқоқ ( бо донак, бе донак); олучақоқ, олуболуқоқ( донакдору бедонак).
- **Аз ашёи ғайримаҳаллӣ:** ананасқоқ (кубик, якпала, ҳалқа, баргак); папайяқоқ (кубик, якпала, баргак); мангоқоқ (дупала, баргак, якпала); бананқоқ (ҳалқа, чипс, якпала); гуавақоқ (якпала, баргак); кивиқоқ (ҳалқа, якпала); қулфинайи хушк; кокоси қоқ (кубикҳо, аррамайда); қоқи хурмо (донакдору бедонак); кумкуати қоқ

Thank you for trying PDF Suite

(кумкуаты) (кубикҳо, ҳалқа); кокоси бирён (кубикҳо, аррамайда); кокоси аррамайда (сафед, ранга, прессшуда); амбар дар шакар (кубик, забоначаҳо); ананаси қоқи хушбӯй кардашуда (бо бӯи зардолу, себ, қулфинай, манго, марминҷон, олуболу); канталупи қоқ (харбузаи тайӣ); папайяи қоқ (бо таъми зардолу, себ, қулфинай, манго, марминҷон, олуболу, канталуп); нектарини қоқ; маракуйяи қоқ; авокадои қоқ; клюкваи қоқ; джекфрути қоқ; карамболаи қоқ (старфрут); сукат аз пӯсти афлесун; сукат аз пӯсти лимӯ; макадамияи қоқ (орех); сукат аз ананас (кубик, якпала, ҳалқа, баргак); сукати хуштаъм аз ананас (кубик, якпала, ҳалқа, барг); сукат аз папайя (кубик, якпала, баргак); сукат аз папайяи хуштаъм кардашуда (кубик, якпала, баргак); сукати манго (якпала, баргак, дупала); сукат аз нок (якпала, дупала, барг); сукат аз шафтолу (якпала, дупала); сукат аз себ (якпала, кубик); сукат аз себаки фирдавс (якпала, кубик); сукат аз гуава (якпала, баргак); сукат аз киви (ҳалқа, якпала); сукат аз кумквата (кубик, ҳалқа); сукат аз канталупа (кубик, якпала, барга); сукат аз харбуза (кубик, якпала, барга); сукат аз маракуйя; сукат аз авокадо; сукат аз нектарин; сукат аз карамбола (старфрут); сукат аз гелос; сукат аз олуболу.

**Манфиат**: омехтаҳои таркибии мавагӣ сарчашмаи витамин ва бофтаи растанӣ мебошанд. Онҳо ҳамчунин миқдори зиёди микроэлемент ва минералу пектинро доро буда, пектинҳо ва бофтаҳои ҳалшаванда ба танзими сатҳи холестерин кӯмак менамоянд. Сатҳи пасти диоксиди олтингӯгирд барои ҳимоя аз денатуратсия хизмат карда онҳоро боз ҳам хушмазза менамояд.

Омехтаҳои хушкмева метавонанд аз 3 намуди маҳсулоти гуногун таркиб ёфта бошанд: таркибҳои компот, таркибҳои хушкмева ва чорамағз, мюсли. Мо минбаъд ҳар яке аз ин маҳсулотро муфассалтар шарҳу маънидод менамоем.

**Таркибҳои компотӣ**

Ҳоло Тоҷикистон таркибҳои компотиро дар ҳами зиёд истеҳсол ва содир менамояд. Ашёри хом барои истеҳсоли таркибҳои меваҳои хушккардашудаи компотӣ мевақоқи гуногуни пастсифати дар минтақа истеҳсолшаванда мебошад. Ҳар он чизе, ки онҳо ҳамчун маҳсулоти мустақил ба фурӯш намеравад, ба таркиби чунин омехтаҳо ҳамроҳ карда мешавад. Бинобар сабаби талаботи зиёд ба маҳсулоти арзон, аз тарафи дигар - бинобар фарҳанги паст ва сифати истеҳсол, ки сабаби миқдори зиёди маҳсулоти пастсифат мегардад, ҳазорон тоннаи маҳсулоти мазкур дар Тоҷикистон истеҳсол ва содир мешаванд. Таркиби компот дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин аз тарафи фермерон ва содиркунандагони кишварҳои Қирғизистон ва Ӯзбакистан содир карда мешаванд.

Thank you for trying PDF Suite

Технологияи истеҳсоли маҳсулоти мазкур содда ва оддӣ мебошад. Хушкмева болои ҳам дар майдонҳо бо ҳиссаҳои баробар рехта мешавад (аз як тараф ин ба торти бузурги қабатдор монанд аст) аз ашёи хоми ба истеҳсолкунанда дастрас, баъдан бо каланду бел маҳлул карда мешаванд.

| |
|---|
| Зардолуқоқ |
| мавиз |
| Себи хушк |
| Олу |
| себ |
| Ангур |
| олуболу |

**Нақшаи 1. нақшаи тахминии ҷойгиркунии таркиби компотӣ иборат аз 7 таркиб (қабати хушкмева) то омехтакунӣ**

Баъди хуб омехта кардани онҳо ба халтаҳо пур карда мешаванд. Истеҳсоли таркиби мазкур дар шароити ба меъёрҳои санитарӣ мухолифат ба амал омада бояд пеш аз истеъмол нағз шӯста шаванд.

**Таркибҳои хушкмева ва меваву чормағз**

Таркибҳои мазкур бо бастабандии рангаи чакана, меваҳои босифати тозаи барои истифода мувофиқ ва инчунин бо нархи баланд фарқ менамоянд. Одатан шустушӯй, навъбандӣ ва бастабандии хушкмеваи мазкур дар кишварҳои истеъмолкунанда, махсусан дар ФР ва Аврупо истеҳсол карда мешаванд. Ба таркибҳои мазкур бештар хушкмеваи гуногуни тропикӣ, экзотикӣ ва сукат дохил мешаванд. Ба гурӯҳи мазкур инчунин таркибҳои меваву чормағзӣ, ки дар онҳо ба хушкмеваҳо  чормағз илова карда мешавад, дохил мешаванд. Ҳангоми истеҳсоли таркибҳои мазкур дар шароити Тоҷикистон ба онҳо писта, донаки зардолу, бодом, арахиси бирён, тухмии тозакардашудаи офтобпараст ва чормағз ҳамроҳ карда мешаванд.

**Таркибҳои хушкмевагӣ дар таркиби мюсли**

Мюсли – маҳсулоти таркибии дорои витаминҳо, аминокислота, сафеда ва чарбҳо, маводи минералӣ мебошад. Таркиби асосӣ ва ҳатмии ҳамагуна омехтаи мюсли - дона ва ё гандуму ҷави кӯфта ва сабӯси ҷавдор аст. Ба ғайр аз сабӯс дигар таркиби он хушкмеваи чоркунҷа буридашуда мебошад. Мюслиҳо дар кишварҳои Аврупо ва Амрико хеле маъмул мебошанд. Дар ин ҷо ба онҳо хушкмеваҳои гуногуни тропикӣ ва экзотикӣ, аз ҷумла сукат ҳамроҳ менамоянд. Инчунин ба мюсли таркибҳои чормағзӣ илова карда мешаванд.

Thank you for trying PDF Suite

## 3. Таҳлили маркетингӣ

Дар Тоҷикистон истеҳсол ва содироти омехтаҳои меваҳои хушккардашуда («таркибҳои компотӣ») ба роҳ монда шудааст. Макони асосии истеҳсоли омехтаҳои хушкмева хонаву майдонҳои ҷойгиршуда дар минтақаҳои назди бозорҳои яклухтфурӯш, махсусан дар Исфара, Конибодом ва Истаравшан мебошад. Истеҳсолоти мазкур барои содирот ба ФР мувофиқ буда, дар давоми 30 соли охир бомуваффақият содир карда мешавад. Маҳсулоти мазкур дар бозор серталабот буда харидори худро дорад. Харидорони асосии маҳсулоти мазкур ташкилотҳои буҷетӣ (беморхонаҳо, кӯдакистонҳо, артиш, муассисаҳои хӯроки умумӣ), инчунин манотиқи шимолии дур ва Сибир, ки бинобар зимистони 6 моҳа ба он ҷой харидорӣ карда мешавад, ҳамчунон аҳолии камбизоат мебошанд. Бозори мазкур ба ҳаҷм, на барои маҳсулоти ҷолиб, мувофиқ аст, аз ин сабаб маржаи фоида минималӣ мебошад.

Маҳсулоти мо, бархилофи таркибҳои компотии вуҷуддошта, навъҳои тозаву шӯсташудаи якум ва олӣ мешаванд, ки аз онҳо таркибҳои меваҳои хушккардашуда, инчунин барои компотҳо мувофиқ истеҳсол карда мешаванд, хоҳанд буд. Маҳсулот чоркунҷаву параха-параха резашуда барои истеҳсолот тайёр хоҳад буд. Дар байни кишварҳое, ки метавонад истеъмолгар бошанд, бозорҳои Федератсияи Россия ва Аврупо хоҳанд буд. Ин таркибҳоро истеҳсолгарон дар ФР ва Авропу тавлид шуда дар қуттиҳои то 1 кг ҷойгир карда мешаванд. Маҳсулоти мазкур дар Тоҷикистон истеҳсол намешавад.

Дар ин ҷо SWOT – Таҳлили ширкати шартӣ, намояндаи СХМ дар Тоҷикистон иҷро карда мешавад, ки таркиби хушкмеваро тавлид хоҳад кард.

**SWOT – Таҳлили ширкат.**

| Ҷанбаҳои қувватнок | Ҷанбаҳои камқувват |
|---|---|
| • Дастрасӣ доштан ва наздикӣ нисбат ба ашёи хом.<br>• Қувваи арзони корӣ.<br>• Таҷҳизоти харидорӣ шуда ва технология барои васеъ кардани истеҳсолот имкон медиҳад.<br>• Ин маҳсулот барои қисми нави бозор аст.<br>• Таҷҳизот оид ба коркарди босифат ва | • Тиҷорати нахустин (касе дар Тоҷикистон бо ин навъи тиҷорат машғул нест).<br>• Маҳсулоти рақобатпазири матлуб ва дар бозор харидор дорад.<br>• Маҳсулоти нави тоҷикӣ ба истеъмолгарон шинос нест.<br>• Нарх, нисбат ба рақибон қимат аст. |



Thank you for trying PDF Suite

| | |
|---|---|
| бастабандӣ ба СХМ дастрас аст. | |
| Имкониятҳо | Шубҳаҳо |
| • Баромад ба бозори аврупоӣ | Ҳосили бад ва пастравии нарх ба ашёи хом дар Тоҷикистон. |

**Ҳаҷми мувофиқи назари бозор**

Ҳаҷми умумии маҳсулоти тавлидшаванда метавонад наздики 1 тонна дар як басти кориро ташкил намояд. Ҳангоми дар як басти корӣ кор кардан метавон 20 тонна маҳсулот дар як моҳ истеҳсол карда шавад. Кор метавонад дар давоми 10 моҳ иҷро гардад.

**Истеъмолгарони асосӣ**

Истеъмолгарони асосии таркибҳои хушкмевагии компоти тоҷик аҳолии миёна ва камбизоат мебошад. Қарор оид ба харидории таркибҳои компотӣ дар асоси манфиатнокии маҳсулот, сарчашмаи витаминҳо будани он қабул карда мешавад.

Мо ҳамчунин метавонем барои аҳолии дорои даромади миёна ва аз миёна боло дар давраи мавҷуд набудани меваи тар маҳсулотамонро пешниҳод намоем. Харидорон дар бораи харид қарорро дар асоси чунин факторҳо - манфиатнокӣ барои саломатӣ, тавсияи духтурон, ба сифати сарчашмаи витаминҳо будани он қабул менамоянд. Истеъмолгар маҳсулотро аз нуқтаҳои савдои чакана, супермаркетҳо, бозорҳо харидорӣ менамояд. Аз рӯи баҳодиҳии мо андозаи талабот дар ФР ва Аврупо зиёд мебошад. Аммо, ба андешаи мо, шабакаҳои нави фурӯши хушкмеваро бояд ташкил ва рушду инкишоф додан лозим аст, зеро шабакаҳои мавҷудаи фурӯши хушкмева ва «таркибҳои компотӣ» дар сегменти маҳдуд амал менамоянд. Фурӯши асосии хушкмеваҳо аз Тоҷикистон аз ҷониби тоҷикони маскуни ФР назорат ва танзим карда мешаванд.

Мавсими фурӯши омехтаҳои хушкмева ба давраи сармои сол мувофиқ меояд. Мавсими фурӯш аз август то март давом дошта, қуллаи фурӯш асосан ба давраи зимистон рост меояд, аммо фурӯш дар давоми сол низ барҳам намехӯрад.

Азхудкунии бозорҳои нав ва вусъат додани соҳаи амал дар бозор аз тариқи татбиқи коркард ва бастабандии босифаттар, беҳтар кардани сифати маҳсулот, назорати сифати ашёи хом, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот мумкин аст.

Пешгӯии ҳаҷми фурӯш баъди татбиқи маҳсулот ба ҳаҷми миёнамоҳ ба андозаи то 20 тонна дар назар аст.

Истеъмолгарони таркибҳо аҳолии сатҳи даромадаш аз миёна боло мешаванд, ки бомазза хӯрданро дӯст дошта дар пайи аз витаминҳо

Thank you for trying PDF Suite

ғанӣ гардонидани организмашон кӯшиш менамоянд. Маҳсулот бояд барои харидорони гуногун, шояд барои таъми гуногуни маҳсулот ва ё таркибҳо бастабандии гуногун дошта бошад. Ин маҳсулот бояд аз тарафи харидорон ҳамчун чекҳо харидорӣ гардад. Фурӯш аз тариқи анборҳои яклухт амалӣ карда мешавад.

Дар поён ҷадвали баъзе маҳсулот пешниҳод шудааст, ки дар бозори ФР мавҷуд буда ва барои маҳсулоти нави тоҷикӣ рақобатро ташкил менамояд.

Ҷадвали 2. Таркибҳои хушкмевагӣ дар бозорҳои ФР.

| Акси маҳсулот | Номи маҳсулот | Вазни маҳсулот | Номи истеҳсолкунанда |
|---|---|---|---|
|  | Таркиби мевагии "Малибу" «Гастрономъ» | 300г. | ҶММ комбинати маҳсулоти хӯроквории Троицкий «Гастрономъ» |
|  | Омехтаи компотии "Смуглянка" «Гастрономъ» | 500г. | ҶММ комбинати маҳсулоти хӯроквории Троицкий «Гастрономъ» |
|  | Коктейль (таркиби чормағз ва хушкмева) «Перекресток». | 300 г. | ҶММ "Ореховое производство» |
|  | Таркиби витамини (меваву чормағзӣ) "Тю-ша". | 700 г. | Ширкати чормағзии "Тю-ша" |
|  | Таркиби хушкмева ва чормағз "Улыбка амазонки", 280 г. | 280 г. | ҶММ "НАТСИ" |
|  | Таркиби меваву чормағзии SUPER HIGH FIBRE / СУПЕР ХАЙ ФАЙБР - (>50% мева, чормағз ва офтобпараст) | 540 гр. | ҶСК "Инарго" |

Thank you for trying PDF Suite

| | | | |
|---|---|---|---|
|  | Таркиби чормағзу хушкмеваи "Коктейль ДЖАЗ" | 200 г. | "Ширкати МААГ" ИП Мазманян |
|  | Таркиби хушкмева (компотӣ) | 200 г. | Бастабандии: ҶММ "Интелл" |
|  | Таркиби меваву чормағзии коктейл. | 200 г. | ҶММ "ПродИНко" |
|  | Таркиби компотӣ. | 800 гр. | ҶММ "ЛИНК-ВЭСТ" |
| | Панчтаркиба намнокӣ – 10% маводи бегона - 3% | Халтаи дуқабата и полиэтиленӣ, 32 кг | Бастабандӣ дар ФР аз ашёи хоми тоҷикӣ |
| | Ҳафттаркиба Намнокӣ – 10% Маводи бегона - 3% | Халтаи дуқабата и полиэтиленӣ, 32 кг. | Бастабандӣ дар ФР аз ашёи хоми тоҷикӣ |

Анборҳои асосии яклухти фурӯши хушкмева – анбори Дорогомилов, анбори Покров (Москва, Южный АО, Бирюлево-Западное), бозори Дружба ба шумор меравaнд. Инчунин барои кор оид ба дистрибутсия ширкати бузурги соҳаи мазкур «Центр Сухофруктов» нақши муҳим дорад, ки бо нишонии 117546, Федҗератсияи Россия, Москва, Ступинский пр., д. 1. анбори яклухт дорад.
Бозорҳои мазкур дорои дилерҳо ва миёнаравҳои гуногун мебошанд, ки аллакай ба шабакаи бозору супермаркетҳо дастрасӣ доранд.

**Ташаккулдиҳии нарх**

Нархи омехтаҳои меваҳои хушккардашуда вобаста аз мазмун, навъ ва вазни ҳар як маҳсулот дар дохили таркиб, инчунин вобаста аз сифати маҳсулот ва бастабандӣ мебошанд.

Thank you for trying PDF Suite

Тавсия медиҳем, ки бо рақамҳои гуногун ва ё ном, масалан, таркиби №1 ва ё № 2 ва ё «кӯҳӣ», «Суғдиён», «Шириниҳои Шарқ», «Помир» ифода карда шаванд. Ҳар як таркиб метавонад тавсифҳои гуногуни дилхоҳ- туршу ширин ва ё аз рӯи характеристикаҳои қувватбахш ва ё аз рӯи мақсадҳои пешгирикунанда (масалан, таркиби дорои зардолу ва хуч) доштанаш мумкин мешавад. Дар баъзе таркибҳо метавонад чормағз дохил карда шавад (чормағз, бодом, писта, донаки зардолу). Инчунин нарх аз мавсим ва ҷойи фурӯш вобастагии зич дорад. Унсури муҳим дар нархташкилшавӣ ба ашёи хом, ки нархи он бинобар ба бозор ворид шудани ҳосили нав минималӣ мебошад, тааллуқ мегирад. Дар айни замон нархи ашёи хом метавонад вобаста аз сифат сахт вобаста шавад. Дар давраи таҳлил, августи соли 2009, нархи зардолуи қоқ дар бозорҳои Тоҷикистон аз минималӣ - 3 сомонӣ то максималӣ - 9 сомонӣ тағйир ёфта метавонад, масалан олуи қоқ нархи минималӣ - 6 сомонӣ, максималиаш- 11 сомонӣ мебошад.

**Нархи яклухт дар бозорҳои** ФР ба таркиби компотӣ аз Тоҷикистон, ки иборат аз зардолу, мавиз, гелос ва себ буда, дар халтаҳои аз 25 то 40 кг пур карда шудааст, тахминан аз 23 то 50 рубл барои як кг-ро ташкил менамояд.

Нархи яклухт дар бозорҳои ФР барои таркибҳои меваҳои хушккардашуда дар бастабандиҳои хурди иборат аз чанд номгӯй, аммо дорои сифати олитари коркард, ки аз халтачаҳои полипропилении аз 300 то 500 грамма иборатанд аз 30 то 60 рубл барои як баста мебошанд.

Ҳангоми ташаккул додани ассортименти маҳсулот бояд ба он аҳамият дод, ки таркибҳо тартиб дода шаванд, ки комилан ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ бошанд. Бояд оид ба ташкили низоми самараноки фурӯш ҳаракат намуд. Барои он, ки ба нуқтаҳои савдо «ворид гардидан», бояд барои дилёбии ритейлорон хеле масраф кардан зарур мегардад.

Ба ғайр аз ин, мувофиқи матлаб аст, ки тамғаи савдо ба қайд гирифта шавад — бе ин самаранок шинос кардани маҳсулот имрӯз ғайриимкон мебошад. Дар давраи аввали "шиноскунӣ" бояд кӯшиш намуд, ки шабакаи чакана комилан азхуд карда шавад. Вақте ки маҳсулот аллакай пешниҳод гардидааст, барои рекламаи имиджӣ, барои промо-акцияҳо ҷиҳати дастрас шудан ба лояляти харидорон каме хароҷот кардан лозим мешавад. Маъракаи рекламавии шиддатнокии миёна (бе иштироки TV) барои истеҳсолкунанда моҳе 2 ҳазор доллар мебошад.

Ҳангоми нархташкилнамоӣ барои истеҳсоли омехтаҳои хушкмева аз тариқи истеҳсолкунандаҳои шартӣ зарур аст, ки имкониятҳои истеҳсол ҳангоми арзиши аслии аз нархи минималӣ пасттар ба назар гирифта шавад.



Thank you for trying PDF Suite

### 4. Таҳлил оид ба ташкил ва менеҷмент

Таҳлил ва баррасии қонунгузорӣ нишон дод, ки шакли бештар мувофиқи кори коркард ҶММ ва ё кооперативи истеҳсолӣ ва ё ҳамшарикӣ мебошад. Ҳар яке аз ин шаклҳоро метавонед барои ташкили бизнес оид ба истеҳсоли омехтаҳои хушкмева истифода намуд. Муфассалтар дар бораи бартарияти ҳар яке аз бақайдгирии бизнес дар нашрияҳои «Баррасии шаклҳои ҳуқуқии бақайдгирии бизнес. Таҳлил ва имкониятҳо» метавонед дида бароед. Дар айни ҳол, ба фикри мо, хеле муҳим аст ба назар гирем, ки новобаста аз шакли интихобкардаи бақайдгирӣ, бояд алоқаи мустаҳкамро бо истеҳсолоти кишоварзӣ дошта бошанд.

**Нақшаи ташкил ва менеджмент**

Сохтори ташкилии ширкат одатан реактивӣ аст, нисбат ба он, ки проактивӣ мебошад. Ҳангоми ташкил ва интихоби кормандон муҳим он аст, ки сохтори идоракунӣ ва тобеъият, масъалаҳои ҷавобгарӣ ва ӯҳдадориро муайян карда шаванд. Одатан таҳияи сохтори ташкилии ширкат хеле баъд аз оғози кор сар шуда, кӯшишҳои аввалини амалҳои дар ширкат баамаломадаро ифода менамоянд. Аммо хуб аст, ки аз аввал дарки сохтории зарурати ташкилот таҳия карда шавад. Баъд аз он, ки сохтори воқеӣ муқаррар гардад, он метавонад ҳамчун воситаи идоракунӣ, ки ташкилотро барои дастрасии мақсадҳои муайяншуда роҳнамоӣ менамояд, хизмат намояд. Мо минбаъд сохтори ташкилии ширкатро, ки метавонад дар ибтидои фаъолият истифода гардад, пешниҳод менамоем.

Thank you for trying PDF Suite

## СОХТОРИ ТАШКИЛӢ




Тамоми тағйироту иловаҳо дар сохтори ташкилии ташкилот ба салоҳияти Шӯрои Директорони ширкат марбут мебошад.

**Муносибат бо муассисон/саҳомон**

Маҷлиси муассисон/саҳомон мақоми болоии идоракунии ширкат мебошад. Ҳимояи ҳуқуқи муассисон усули бунёдии кори ширкат мебошад. Тамоми қарори директорон метавонад ба манфиатҳои муассисон бояд мувофиқ бошанд. Муассисон/саҳомон ҳуқуқ доранд, ки дар шӯрои директорони ширкат намояндагӣ дошта бошанд, ки ин имконияти ҳамзамон риояи манфиатҳои муассисонро дар давраи фаъолияташон пайгирӣ менамояд.

**Принсипҳои бунёдии Шӯрои Директорон**

Ширкат метавонад Шӯрои директорон, ҳамчун қисме аз сохтори ташкилии ширкат, дошта бошад. Тавсифоти ҳар як узви Шӯрои директорон пешакӣ аз тарафи муассисон муайян карда мешавад. Байни ин Шӯро инчунин шахсиятҳое ҳастанд, ки намояндагии манфиатҳои саҳомонро ба сомон мерасониданд. Шӯрои мазкур дар

Thank you for trying PDF Suite

назди маҷлиси умумии саҳомон ҳисобот медиҳад. Шӯрои директорон ӯҳдадориҳои худро одилона, ақлонӣ ва мувофиқи вазифааш иҷро карда, ҳамеша манфиатҳои асосии ширкатро ҳимоят мекунанд. Дар баробари ӯҳдадориҳои Шӯрои Директорон, ки дар ҳуҷҷатҳои Оинномавии ташкилот дарҷ гардидааст, мақоми мазкур барои таҳияи барномаи фаъолият, тарзи татбиқ ва инкишофи стратегии ташкилотро иҷро менамоянд. Ҳамин тавр, мақоми мазкур назоратро аз болои бизнес - нақшаҳо ва иҷрои онҳо, таъин кардан ва ҳисоботи директор, ташкили меъёрҳои баҳодиҳии корҳо, таъсири онҳо ба ахлоқ ва таҷрибаи тиҷорат, татбиқи фандрайзинг назорат мебарад. Шӯрои Директорон ҳамаи тадбирҳоро мебинад, то кори Директорро боьати татбиқи вазифаҳои гузошташуда ва ба дастовардҳо ва пешьурдҳо расонидани ширкат ба сомон мерасонад.

Аъзоёни шӯрои директорон набояд мақоми худро пинҳон кунанд ва ё барои гирифтани манфиати шахсӣ ва ё манфиати ҷониби сеюм истифода барад, ҳамзамон онҳо бояд махфияти маълумотро риоя намояд.

Шӯрои Директорон мақоми фаъол ва мустақили қабули қарор буда, ҳуқуқ дорад ба ҳамагуна маълумоте, ки ба он зарур аст дастрасӣ дошта бошад. Ҳисоботи ҳарсола ва ҳуҷҷатгузорӣ бояд дар бораи Шӯрои Директорон, аз ҷумла маълумот оид ба малакаҳо, қобилиятҳо, таҷрибаи кор, узвият дар дигар ташкилот ва дигар ахбороте, ки метавонад барои дарки нақш ва мақоми ташкилот кӯмак намояд, маълумот дошта бошад.

**Комиссияи Ревизионӣ**

Фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро Комиссияи ревизионӣ, ки дар Маҷлиси аъзоён одатан ба мӯҳлати 5 сол интихоб мегардад, назорат менамояд. Миқдор ва таркиби Комиссияи ревизионӣ низ бо қарори Маҷлиси аъзоён муайян мегардад. Аз ҳисоби аъзоёни Комиссияи ревизионӣ раиси он интихоб мегардад. Комиссияи ревизионӣ тафтиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро пеш мебарад ва дар назди Шӯрои Директорон ҳисобот медиҳад.

**Директор**

Директор роҳбари комили қисмати иҷроияи ширкат буда, он барои ноил шудан ба натиҷаҳои умумии ширкат ва иҷрои стратегияи ширкат фаъолият менамояд. Директор қарорҳои аз тарафи шӯрои директорон ва маҷлиси саҳомон/муассисон қабулшударо татбиқ менамояд. Директор манфиатҳои ширкатро намояндагӣ карда вазифаҳои идоракунии ширкатро ба сомон мерасонад. Дар ҳудуди ваколатҳояш директор ҳуқуқ дорад мувофиқи тартиби муқарраршуда сиёсат ва миссияи ширкат дар сурати дастгирии он аз ҷониби муассисон ва шӯрои директорон қарор қабул намояд.

Thank you for trying PDF Suite

Ҳамаи вазифаҳои дигари ширкат махсус буда доираи маҳдуди ӯҳдадорӣ ва ҷавобгариро, ки барои рушди ширкат равона карда шудааст, пешбинӣ менамояд.

**Кодекси ахлоқ, рафтори корӣ ва мухолифати манфиатҳо**

Фаъолияти ширкат мувофиқи усулҳои одобу ахлоқ татбиқ карда мешаванд. Ширкат ба худ ӯҳдадориҳои ташкили фаъолияти тахассусии муҳити кориро мегирад. Муносибати боэҳтиромона нисбат ба ҳамдигар яке аз унсурҳои муҳими сиёсати кадрии ширкат ба ҳисоб меравад.

**Мухолифати манфиатҳо**

Ширкат ба мухолифати манфиатҳоро роҳ надода, манфиатҳои соҳибони ширкат, инвесторону саҳомонро ҳимоят менамояд. Кормандон бояд ба вазъияте, ки сабаби ба вуҷуд омадани мухолифати манфиатҳо мегардад, роҳ надиҳанд.

Ҳамаи амалҳое, ки аз тарафи кормандони ширкат ва ё роҳбари он татбиқ мегарданд, аз ҷумла бизнес-қарорҳо на бояд дар манфиатҳои шахсии ӯ асос ёбанд, ки он сабаби ба зиёни ширкат ҳал ё қабул шудани ин ё қарор хоҳанд гашт. Ягон корманди ширкат ҳуқуқ надоранд, ки усулҳои мазкурро риоят накунанд.

Ба мақсади роҳ надодан ба мухолифати манфиатҳо:

Кормандони ширкат ҳуқуқ надоранд, ки бавосита ё бевосита аз мизоҷону бенефисиарон тӯҳфа гиранд;

Кормандони ширкат наметавонанд вазифаҳои намояндагии ташкилоти дигарро иҷро намоянд.

**Сӯиистифода аз активҳои Ширкат**

Кормандони ширкат масъулиятро бобати ҳифозати активҳои ширкат ба дӯш доранд ва бояд активҳои мазкурро танҳо ба сурати мақсадҳои мустақими онҳо истифода намоянд. Дуздӣ ва ё сӯиистифодаи активҳои мазкур асос барои истифодаи бетаъхири чорабиниҳои ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ ба шумор меравад.

**Сиёсати гендерӣ**

Ширкат барои ноил гардидан ба баробарии гендерӣ кӯшиш менамояд, аммо ин чунин маъное надорад, ки ин баробарии миқдории мардону занон бошад, балки пешниҳоди имкониятҳои баробарро ба марду зан дар назар дорад.

Ширкат ҳам барои мардон ва ҳам барои занон нисбати баланд кардани малакаҳои тахассусии онҳо бо роҳи пешниҳоди тренингу семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ҳ.к. низ имконоти баробарро фароҳам меоварад.

Ширкат ҷиддан пайгири усули ихтисор кардани ҳодисаҳои хушунат нисбати ҳамкорон, ҳамчунин нисбати донорҳо, ҳамкорон,

Thank you for trying PDF Suite

бенефициантҳо, мизоҷон, воридкунандагони ҷинси марду зан мебошад.

**Махфият**
Ба кормандон ошкор кардани маълумоти махфии вобаста ба фаъолияти ташкилот мамнӯъ мебошад. Маълумоте, ки ба ошкор кардан мансуб нест, ба таркибаш маълумотеро дар бар мегирад, ки вобаста ба технологияи истеҳсоли маҳсулот, маълумоти вобаста ба молия, маълумоти махсуси вобаста ба чорабиниҳои бехатарӣ дохил шуда бо он маҳдуд намегардад.

**Алоқаҳои ҷамъиятӣ**
Ширкат бо меъёрҳои олии ахлоқӣ дар алоқа бо ҷомеа ва мизоҷон амал менамояд.

**Намунаи сиёсати зидди дискриминатсия**
Намунаи сиёсати зидди-дискриминатсия метавонад бо ифодаи зайл тавсифи мазкур шарҳ дода шавад:
*Корфармо имкониятҳои баробарро барои ҳама пешниҳод менамояд. Корфармо дар байни кормандон тафриқагузорӣ накарда «қарорҳои дахлдорро» оиди қабули кормандон, эълони ҷойҳои кории холӣ, ҷубронпулиҳо, барҳам додани шартномаҳо, пешравии мансабии кормандон ва дигар шартҳои шуғлашон аз рӯи ранги пӯст, синну сол, мансубияти этникӣ, миллӣ ва ё ҷинсӣ қабул наменамояд.*

**Намунаи сиёсати зидди хушунат**
Намунаи сиёсати зидди хушунат метавонад бо ифодаи мазкур шурҳ дода шавад:
*Корфармо барои ташкили муҳити озод аз хушунат ҷавобгар мебошад. Хушунат дар асоси мансубияти ҷинсӣ, синну сол, этникӣ, миллӣ, мансубияти динӣ ва ё тавсифҳои дигари дар қонунгузорӣ пешбинишуда мебошад. Дар назар аст, ки тамоми кормандон, аз ҷумла менеҷерон ва дигар кормандони дастгоҳи маъмурӣ- идорӣ аз сиёсати мазкур ҷиддан пайгирӣ менамоянд.*

Қайд: Шумо метавонед ба сиёсати худ инчунин шарҳи хушунати шаҳвониро ворид намоед. Намунаи он метавонад чунин бошад:

Хушунати шаҳвонӣ - рафтори табиати шаҳвонӣ дошта мебошад, ки ба шахсият ва одамони ҷонибашон равонашуда номақбулу таҳқиркунанда аст. Намунаи ин гуна рафтор метавонад аз ҳад ҷисман наздик истодан, шӯхиҳои табиати шаҳвонӣ дошта, сӯҳбат ё ишораҳои мазмуни шаҳвонӣ дошта, ҳаракатҳои беодобона, намоиш додани акс, тарҳ ва ё карикатураҳои дорои мазмуни порнографӣ ва ё шаҳвонӣ бошад. Истифодаи низоми компютерии корфармо барои тамошо,



Thank you for trying PDF Suite

намоиш ва ё паҳн кардани маводи равияи шаҳвонӣ дошта, инчунин метавонад ҳамчун хушунати шаҳвонӣ баррасӣ гардад.

Риоя накардани моддаҳои К**одекси ахлоқ**

Ҳамаи кормандоне, ки дар бораи вайрон карда шудани кодекси мазкур (ва ё иштирокчии он мебошад) дар ҷойи кор ва ё ҳолатҳои вобаста бо кор маълумоте доранд, бояд дар ин бора фавран ба роҳбарияти ширкат маълумот диҳанд.

**Усули ҳавасмандкунии кормандон**

Усули ҳавасмандкунии кормандон гуногун буда метавонанд, аз сатҳи кор кардашуда будани чорабиниҳои низоми ҳавасмандкунӣ дар корхона, низоми умумии идоракунӣ ва хусусияти фаъолияти худи корхона вобаста мебошад. Усулҳои мазкури ҳавасмандкунии рафтори самараноки меҳнатӣ мавҷуд аст:

- ҳавасмандкунии моддӣ;
- усулҳои ташкилӣ;
- усулҳои ахлоқӣ-равонӣ.

Шакли бештар маъруфи  ҳавасмандкунии моддӣ *мукофоти фардӣ* мебошад. Мақсади он иборат аст аз як бор дар як сол/семоҳа пардохта шудан мебошад, дар ҳолати баръакс он нақши ҳавасмандкунандагии худро аз даст медиҳад. Мақсаднок он аст, агар пешакӣ фоизи мукофотро аз рӯи натиҷаҳои давра муайян карда онро мувофиқи дастовардҳои кормандон танзим намоед. Андозаи мукофот бояд, на камтар аз 30% музди меҳнати асосиро ташкил кунад (тавсияи Ф. Тейлор), дар ин замон дар сатҳи поёни роҳбарият мукофот бояд аз 10-30%, миёна аз 10-40%, олӣ-15-50%-ро ташкил намояд.

Самаранокии мукофотонӣ аксаран бо интихоби дурусти нишондиҳандаҳо, тақсимбандии онҳо вобаста ба нақшу сифати воҳидҳои сохторӣ, сатҳи мансабҳо, самтгирӣ нисбат ба саҳми воқеӣ ва натиҷаи ниҳоӣ, тадбиркорӣ дар баҳогузории дастовардҳои корманд муқаррар карда мешавад. Қаноатмандӣ аз ҳавасмандкунии молӣ, сатҳи одилона будани он ташаббуси одамонро ҳавасманд карда, дар онҳо ҷонфидоӣ нисбати ташкилот ташаккул дода ба он кормандони навро ҷалб менамояд.

***Роҳҳои ташкилии ҳавасмандкунӣ (ҳавасмандгардонӣ) ба худ дарбар мегиранд:***

Иштирок дар корҳои ташкилот (одатан, иҷтимоӣ);

Дурнамои хародории бино ва малакаҳои нав;

Ғанигардонии мазмуни меҳнат (пешниҳоди кори боз ҳам ҷолибтар бо дурнамои рушди мансабӣ ва тахассусӣ).

***Усулҳои ахлоқӣ - равонии ҳавасмандкунӣ дар худ дарбар мегиранд:***



Thank you for trying PDF Suite

- Ташкили шароитҳое, ки ба ташаккули ифтихори касбӣ, шахсӣ барои кор (мавҷудияти ҳиссаи маълуми хавф, имконияти ба даст овардани комёбиҳо);
- Мавҷуд будани даъват, таъмини имконияти худро дар меҳнат ифода намудан;
- Қадрдонӣ кардан (шахсӣ ва оммавӣ) (тӯҳфаҳои қимматнок, ифтихорномаҳо, Тахтаи фахрӣ ва амсоли он. Барои хизматҳои махсус –мукофотонӣ бо ордену медалҳо, нишонҳои сарисинагӣ, додани унвонҳои фахрӣ ва ҳ.к.);
- Мақсадҳои олӣ, рӯҳбаландии одамоне, ки ба меҳнати самаранок равона шудааст (ҳар гуна вазифа бояд унсури даъват дошта бошанд);
- Муҳити эҳтироми ҳамдигар, боваринокӣ.

**Назарияи ҳавасмандкунии Абрахам Маслоу.**
Назарияи аввали мавриди муҳокима назарияи пайдарҳамии талаботи Маслоу мебошад. Мундариҷаи он ба омӯзиши талаботи инсон равона гардидааст. Он назарияи қадимтар мебошад. Тарафдорони он, аз ҷумла, Абрахам Маслоу, андеша доштанд, ки предмети психология рафтор, на тафаккури инсон мебошад. Дар асоси рафтор талаботи инсон қарор дорад, ки онро ба 5 гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- Талаботи ҷисмонӣ, ки барои ҳаёти инсон зарур мебошанд: ғизо, об, истироҳат ва ҳ.к.;
- Талабот ба бехатарӣ ва боварӣ ба оянда – муҳофизат аз хатари ҷисмонӣ ва дигар хатарҳо аз тарафи мухити атроф ва боварӣ ба он, ки талаботи ҷисмонӣ дар оянда ҳам қонеъ карда мешаванд,
- Талаботи иҷтимоӣ - зарурат дар муҳити иҷтимоӣ. Дар муомила бо одамон, эҳсоси «такя» ва дастгирӣ;
- Талабот ба эҳтиром, шинохта шудан аз ҷониби анрофиён, ҳаракат ба комёбиҳо;
- Талабот ба ифодаи шахсият, яъне талабот ба рушди шахсӣ ва татбиқи имкониятҳои худ. (Замимаи 1)

**Маслиҳатҳои амалӣ барои ҳавасмандкунии бобарори кормандон**
1. Ба назар гирифтани таҷрибаи гузаштагон.
2. Маълум созед, ки шахсан шуморо чӣ ҳавасманд менамояд?
3. Маълум намоед, ки кормандонатон аз кор чӣ мехоҳанд?
4. Ба кор таваҷҷӯҳ зоҳир намоед.
5. Факторҳои халалрасонро бартараф намоед.
6. Муҳаббат зоҳир намоед.
7. Дар ҳавасманкунии пулӣ боэҳтиёт бошед!
8. Қарор қабул намоед.
9. Тағйиротҳоро таҳти назорат қарор диҳед.
10. Бартариятҳои онҳоро дар омӯзиш ба назар гиред.



Thank you for trying PDF Suite

11. Алоқаи дутарафаро таъмин намоед

Ба ин тариқ, барои бақайдгирии ташкилот ва интихоби нақшаи идоракунӣ таҳлилу баррасии ҳаматарафа лозим аст. Дар айни ҳол бояд ба назар гирифта шавад, ки тамоми фандрайзинг, гирифтани қарзҳо, ҷалби ҳамкорон ва инвесторон чӣ гуна татбиқ мешавад.

**5. Асоснокгунии техникӣ**

**Ҷойгиршавии бизнес**
Интихоби ҷойи бизнес бояд наздик будан ба ашёи хомро ба назар гирад, ки аз он маҳсулот тавлид карда мешавад. Дар ин ҳолат мо бояд наздик будани бозорҳои яклухти хушкмева, ноҳияҳои коркарди хушкмеваро ба назар гирем, зеро бо ин роҳ ба анвои хушкмева дастрасӣ пайдо кардан мумкин мегардад. Ин чора интиқол ва таъмини ашёи хомро арзон мекунад. Таркибҳои хушкмевагӣ воридкунандагонро аз қисмҳои гуногуни Тоҷикистон дар назар дорад. Маълум аст, ки ноҳияҳои Тоҷикистон, ки дар истеҳсоли зардолу махсус шудаанд, зардолуҳо, 4-тоанд: Исфара, Конибадом, Ашт ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд. Ноҳияҳои истеҳсоли оммавии себ ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд мебошад. (Ба андешаи ман бояд ноҳияҳои Ғарм, Тоҷикобод, Мӯъминобод ва Ховалинг (себ ва дигар анвои меваҷот дарн ин маҳалҳо хеле фаровон зиёд аст) илова карда шавад), инчунин ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки дар шарқи Душанбе ҷойгиранд. Ноҳияҳои истеҳсоли оммавии мавиз Истаравшан, Ғончӣ ва Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, инчунин ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ғарби Душанбе мебошанд. Инчунин вилояти Суғд бо Ӯзбекистон ва Қирғизтон ҳаммарз аст, ки дар он ҷо мавиз, зардолу, олу, шафтолу истеҳсол карда мешавад. Тоҷикистон бозорҳои рушдёфтаи фурӯш дорад, аз ин рӯ маҳсулоти кишварҳои ҳамсоя низ аз тариқи бозорҳои Истаравшан, Исфара ва Конибодом фурӯхта мешаванд. Ҳамин тариқ, ташкили хатҳои технологии камнерӯ дар наздикии минтақаҳои ҷамъшавии ашёи хом имконият медиҳад, то зиёнҳои талаф додани ашёи хом ҳангоми интиқол хеле поён равад.

Дастрасии доимӣ ба нерӯи барқ, бинобар вазъияти таъмини барқ дар Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Инчунин бояд наздикии сукунати кормандон ба назар гирифта шавад. Дар ташкилоти вуҷуддошта бояд дастрасӣ ба об ва канализатсия низ ба назар гирифта шавад.

**Иншоот**
Нақшаи генералии сех бояд ба СНИП П-89-80 “Нақшаҳои генералии муассисаҳои саноатӣ. Меъёрҳои лоиҳакашӣ”, СНИП 245-71 “Меъёрҳои беҳдоштии лоиҳакашии муассисаҳои саноатӣ”, СНИП 2.05.07-85 “Нақлиёти саноатӣ. Меъёрҳои лоиҳакашӣ” мувофиқ бошад. Агар истеҳсолот ҳамчун лоиҳаи дарозмуддати инвеститсионӣ ба назар

гирифта шавад, бояд доир ба сохтмони бинои нав оғоз намуд. Агар воситаҳо барои сохтмон имкон надиҳанд, бояд бино иҷора гирифта шавад.

Барои ҷойгир кардани таҷҳизот майдонҳои истеҳсолӣ бо масоҳати 250 м. кв. зарур мебошад. Ба ғайр аз ин, наздики 100 м. кв. -ро барои биноҳои иловагӣ зарур мешаванд. Нархи иҷораи 1 метри квадратии биноҳои зарурӣ аз $1 то 5 доллари ИМА мебошанд.

Барои истеҳсол бояд биноҳои мазкур таҷҳизонида шаванд:

1. анбори ашёи воридшаванда (барои хушкмева, қуттиҳои бастабандӣ ва дигар қиматҳои моливу моддӣ алоҳида),
2. анбори моли тайёр,
3. бинои истеҳсолӣ барои татбиқи истеҳсолот,
4. бинои лаборатория,
5. бинои идорӣ,
6. биноҳои маишӣ (либоскашӣ, ҳоҷатхонаҳо, душхона, ҳуҷраи беҳдоштӣ),
7. Постгоҳ.

Ҷойгиршавии таҷҳизот дар дохили бино бояд барои пайдарҳамии технологияи истеҳсолот мутобиқ буда (муфассал дар блок схемаи 2 оварда мешавад) аз масоҳати бино ва хусусиятҳои таҷҳизоти алоҳида вобастагӣ дорад, ки барои муҳандисон ва васлгарон мушкил нест. Тамоми масъалаҳои мазкурро ҳангоми таъмиру тайёркунии бино бояд ба назар гирифт. Барои истеҳсол бояд бинои ба талаботи беҳдоштӣ-санитарӣ ҷавобгӯ, дорои хати оби нӯшокӣ ва канализатсия интихоб карда шавад. Дар бино бояд барои хати коркард ҷойи кифоя бошад, ҳамчунин барои бастабандӣ ва навъбандӣ ҷой мавҷуд бошад.

**Шароити беҳдоштӣ-санитарии истеҳсол ва нигоҳдорӣ**

Шароити беҳдоштӣ-санитарии нигоҳдорӣ бояд ба талаботи меъёрҳои саноати хӯрокворӣ ҷавобгӯ бошанд. Тозагии бино, хати истеҳсолот, коркарди хати истеҳсолот бояд ҳар ҳафтагӣ, назорати тиббии кормандон ҳар нимсола иҷро карда шавад. Ҳоҷатхонаҳо бояд берун аз бинои истеҳсолӣ ҷойгир шуда, таъмири капиталиро металабанд. Душхонаҳо барои истеҳсолот пешбинӣ нашудаанд.

**Ашёи хом. Тайёркунии ашёи хом.**

Бинобар он, ки истеҳсолотро дар вилояти Суғд ҷойгир кардан дар назар аст, мо маълумоти омориро нисбати минтақаи мазкур баррасӣ кардаем. Дар соли 2008 масоҳати ангурзорҳои тамоми синну сол дар вилояти Суғд 12,7 ҳазор гектар, ҳосили ҷамъоваришуда 103,4 ҳазор тоннаро ташкил менамояд. Масоҳати боғ ва ниҳолзорҳои бисёрсола, аз ҷумла ниҳолҳои ситрусӣ, 51,5 ҳазор гектарро ташкил карда, ҳосили ҷамъоваришуда дар соли 2008 ба андозаи 33,9 ҳазор тонна шуд.

Бозори инкишофёфтаи меваҳои хушк дар кишвари мо сабаби муқаррар кардани нархҳои рақобатпазир барои ашёи хом шуда,

Thank you for trying PDF Suite

воридкунандагони ашёи хом ҳамеша харидор доранд. Барои ташкили истеҳсолот оид ба коркарди хушкмеваҳо зарур аст, ки занҷираи воридкунии хушкмеваҳоро ба корхона таҳия ва идора гардад. Барои ин бояд шартномаҳо бо хоҷагиҳои деҳқоние баста шавад, ки бо парвариши дарахтони мевадор на танҳо дар вилоятҳои наздик, балки дар минтақаҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон машғуланд. Тайёр кардани ашё инчунин метавонад дар сатҳи бозорҳои яклухти ҳушкмева ба амал оварда мешавад.

**Қуттиҳо ва маводи бастабандӣ**

Маҳсулот метавонад ҳамчун яклухт ва чакана бастабандӣ карда шавад. Бастабандии маводи чакана метавонад аз бастабандии полипропилении аз 300 грамм то 5 кг иборат бошад. Пакети полипропилениро метавон дар Хитой, қуттиҳо дар Хитой ва ФР фармоиш дода шаванд. Қуттиҳоро низ дар Хуҷанд фармоиш дода мешаванд.

**Кормандон**

Барои хизматрасонии таҷҳизоти технологӣ бобати истеҳсоли омехтаҳои хушкмева кормандони зиёд талаб карда мешавад. Як хатро метавонад 6 нафар хизматрасонӣ намоянд. Боз ҳамин қадари дигар дар қитъа барои навъбандӣ ба кор бурда мешавад. Ба ғайр аз ин технологе, ки раванди кори истеҳсолиро назорат карданаш лозим аст, бояд ба кор ҷалб карда шавад.

Барои ташкили истеҳсоли омехтаҳои хушкмева ҷалби 21 нафар кормандон, аз ҷумла 12 нафар кормандони истеҳсолкунанда лозим мешаванд. Ҷадвали бастӣ дар поён оварда мешавад. Хароҷоте, ки барои нигоҳ доштани қувваи корӣ пешбинӣ шудааст, бояд музди корӣ ва ҳисобкуниҳои дахлдори он, инчунин таъмини кормандон бо либоси корӣ-халат ва рӯймол барои занҳо (10 долларӣ), либоси махсус (20 долларӣ) – танҳо барои кормандони истеҳсолӣ 2 маротиба дар як солро дарбар мегирад.

Қувваи корӣ тамоми сол мавҷуд аст. Ҳавасмандкунии онҳо барои меҳнат музди меҳнати мувофиқ, ҷои кори мувофиқ, устуворӣ, мукофот бояд бошад. Хароҷоти иловагии фабрикавӣ иборат аст аз хароҷот барои анбори маҳсулот, муҳофизат ва сигнализатсия гузаронидани корхона мебошад.

Ҷадвали 3. Ҷадвали намунавии бастӣ ва буҷет барои пардохти музди меҳнат

| Номи вазифа | Микдор барои пурра ворид кардани кудратҳо | Музди меҳнат бо сомонӣ | ФОТ дар як моҳ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Директор | 1 | 1000 | 1000 |

Thank you for trying PDF Suite

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таъминот барои маркетинг | 1 | 875 | 875 |
| Сармуҳосиб | 1 | 500 | 500 |
| Муҳандис/технолог/механик | 1 | 500 | 280 |
| Баркчӣ | 1 | 220 | 220 |
| Ронанда | 1 | 200 | 200 |
| Техничка | 1 | 120 | 120 |
| Муҳофизат | 1 | 300 | 300 |
| ***Ҳамагӣ доимӣ кормандон*** | ***8*** | | ***3495*** |
| Сехҳои корӣ | 10 | 300 | 3000 |
| Боркашон | 2 | 300 | 600 |
| Челонгарон | 1 | 300 | 300 |
| ***Ҳамагӣ кормандони муваққатӣ*** | ***13*** | | ***3900*** |
| **Ҳамагӣ** | **21** | | **7395** |
| Ҳисобкунии ФСЗН -25% | | | **1849** |
| Ҷамъ хароҷот барои музди меҳнат | | | **9244** |

**Интиқоли маҳсулот**

- ***Ашёи хом***: Барои мақсадҳои интиқоли ашё тавсия медиҳем, ки нақлиёти иҷора истифода шавад.
- ***Кормандон***: Дар ҳоле, ки агар кормандон аз ҷои ҷойгиршавии ширкат дур зиндагӣ кунанд, кори ташкили интиқоли кормандонро то ва аз ҷойи кор бо нақлиёти худӣ ва ё иҷора сомон дода шавад ва ё маблағи он бояд ҷуброн карда шавад.
- ***Маҳсулоти тайёр***: То бозори фурӯш маҳсулот бо контейнер ва ё вагонҳои роҳи оҳан, инчунин нақлиёти боркашон бурда мешавад.

**Мазмуни раванди технологӣ**

Раванди технологии истеҳсоли таркибҳои хушкмева давраҳои дар нақшаи 2 бударо тай менамоянд. Азбаски ҳар як маҳсулот ин давраҳои алохидаро тай менамоянд. Танҳо дар давраи охирин омехтакунӣ бо ҳиссаҳои муайян ба вуҷуд меояд. Баъд раванди тақсимбандии маҳсулот ба вуҷуд меояд. Ҳангоми тақсимбандии автоматии хушкмеваҳо мушкилот пайдо шуданаш мумкин аст. Анҷирро, масалан, бо автомат тақсим карда намешавад: ба ҳар як мева ҳама чиз мечаспад ва бастабанди механикӣ аз ӯҳдаи кор намебарояд. Анҷири хушкро ё иловатан хушк мекунанд ва ё дастӣ тақсим мекунанд.

**Назорати сифат**

Дар ҳар як сатҳи коркарди каперсҳо назорати сифатро бояд иҷро намуд. Диққати асосиро ба назорати сифат ҳангоми навъҷудокунӣ додан лозим аст, то ин ки маҳсулот на танҳо аз ҷиҳати намуди зоҳирӣ,

Thank you for trying PDF Suite

балки мавҷудияти шохчаҳо, баргҳо ва дигар иловаҳои нодаркор додан лозим аст. Назорати сифат бояд ба талаботи бозорҳои содирот мувофиқ шавад.

**Таҷҳизот барои истеҳсоли** омехтаҳои хушкмева дар ҷадвали 4 оварда шудаанд. Қисме аз таҷҳизот метавонад дар Украина, Россия, хусусан дар заводи Торгмаши шаҳри Хуҷанд ва соҳибкорони фардӣ мизҳои навъбандӣ ва омехтакунакро фармоиш диҳем. Хати истеҳсол ва коркарди омехтаҳои хушкмеваро ширкатҳои кишварҳои ИМА, Туркия, Хитой, Аврупо истеҳсол менамоянд.

Thank you for trying PDF Suite

***Блок- схемаи 2. Давраҳои истеҳсоли таркибҳои хушкмева***




Дар ҳоли зарурат ва мушкилоти ҷӯстуҷӯ, расонидан, лоиҳакашӣ ва васли таҷҳизот, коркарди ҳамагуна маводи бастабандӣ ва коркарди ҳамагуна шартҳои техникӣ ва дигар амалҳо метавон ба ҶММ «Маркет плюс» мурочиат намуд, ки бо нишонии ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин, 85а, телефони 992 92 7704522 (www.marketplus.org) ҷойгир шудааст.

Ҷадвали 4. Таҷҳизот барои истеҳсоли омехтаҳои хушкмева

| Номгӯи таҷҳизоти асосӣ | Миқ дор | Маблағи инвеститси я |
|---|---|---|
| Хати навъбандӣ | 1 | 8000 |
| Хати истеҳсолӣ оид ба коркарди хушкмева | 1 | 50000 |
| Мизи инспексионӣ, деворӣ | 4 | 1200 |
| Омехтакунак | 1 | 3000 |
| Бастабандии пакетҳо, автоматӣ | 1 | 20000 |
| Бастабанди халтаҳо, нимавтоматӣ | 1 | 7000 |
| Қуттиҳо | 30 | 200 |
| Таҷҳизоти вентилятсионнӣ | 1 | 300 |

Thank you for trying PDF Suite

| | | |
|---|---|---|
| Стеллажҳо | 10 | 5000 |
| Тарозу, 1 тоннагӣ | 1 | 300 |
| Мебел, стул, шкаф, стол, комплект | 1 | 2000 |
| **Ҳамагӣ** | | **97000** |

Ба ғайр аз таҷҳизоти мазкур барои содда кардани раванд, инчунин мувофиқ ба талаботи харидорон метавонад таҷҳизоти иловагӣ истифода бурда шавад, аз ҷумла таҷҳизоти этикеткабандӣ, сканерҳо, металлодетекторхо, ки зарурати инвеститсияҳоро зиёд менамояд.

**6. Таҳлил оид ба молия**

Фаъолияти баъди амалиётӣ то аввали истеҳсол хароҷоти мазкурро талаб менамояд:

| № | Номгӯи хароҷотҳо | Нарх бо доллар | эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Иҷораи ҷой дар вақти васлкунӣ ва таъмир (2 моҳ) | 1,000 | Эзоҳи 1 поёнтар |
| 2. | Харидории таҷҳизот (хароҷоти минималӣ) | 97,000 | эзоҳи 2 поёнтар |
| 3. | Харидории контейнер ба сифати анбор | 1,000 | |
| 4. | Музди меҳнати кормандон (давраи иҷора, таълим, баромадан ба қудрат) – 1 моҳ | 1,000 | Ҳайати нопурра |
| 5. | Таҷҳизоти идоравӣ ва хонаҳои маишӣ | 2,000 | |
| | **Ҳамагӣ хароҷоти пеш аз амалиётӣ** | **102,000** | |
| | **Ташаккулдиҳии хазинаҳо:** | | |
| | Қуттӣ | 1,000 | |
| | Маводи бастабандӣ | 2,000 | |
| | Ашёи хом | 20,000 | |
| | **Ҳамагӣ хазинаҳо** | **23,000** | |

- Эзоҳи 2: Хонаҳо метавонад дар соҳибият буда, барои харидорӣ ва тайёр кардани онҳо бештар аз 50,000 доллар лозим аст.
- Эзоҳи 1: Мумкин аст нарх аз ҳисоби харидории таҷҳизоти самараноктар қиматтар шавад.

Фарз кардем, ки давраи истеҳсоли омехтаҳои хушкмева, боркунӣ ва расонидани он то харидор 2 моҳро ташкил намояд. Яъне, маблағи воситаҳои барои сармояи гардон 46000 долларро ташкил менамояд. Маблаги умуми минималии барои оғози кор зарурӣ ва барои пеш бурдани бизнес 148,000 доллари ИМА-ро ташкил менамояд.

Истеҳсол ва коркарди омехтаҳои хушкмева бизнеси махсус мебошад. Дар айни ҳол он аз нигоҳи истеҳсол нисбатан фаҳмо мебошад. Аммо таркибҳои хушкмевагӣ ҳамчун маводи ғизоӣ дар бозори дохилӣ истифода нашуда, барои бозори хориҷӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҳолати пайдо кардани бозор инвеститсия метавонад то 25% баргардонӣ дар як сол диҳад.

*7. Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ*

Истеҳсол ҳамчун фаъолияти дилхоҳи фаъолияти соҳибкорӣ бо хавфҳое вобаста аст, ки бояд идора карда шаванд. Дар поён хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ ва роҳҳои паст кардани онҳо оварда шудаанд.

| **Номгӯи хавфҳо** | **Роҳҳои паст кардани онҳо** |
|---|---|
| Гум шудани бор (ғайриимкон будани ёфтани гунаҳкорон) вобаста бо гузаштан аз сарҳадҳо | Суғуртаи бор, кор бо фирмаи логистикии обрӯманд, интиқоли масъулият барои бор дар назди харидор |
| Ашёи бесифат | Бастани шартнома бо хоҷагиҳои деҳқонӣ барои расонидани ашёи хоми босифат, назорати сифат дар вуруд |
| Маҳсулоти бесифат | Таҷҳизонидани лабораторияи сифат, риояи технология<br>Ба кор гирифтани технолог<br>Ашёи хоми босифат<br>Риояи стандартҳои истеҳсол<br>Татбиқи низоми ХАССП |
| Набудани харидорон | таҳлил Маркетингӣ, бастани шартнома барои воридот, стратегияи маркетингӣ |
| Куштани барқ | Интихоби сех бо назардошти дастрасии нерӯи барқ зарур мегардад.<br>Инчунин зарур аст, ки дар вақти набудани неруи барқ электрогенератор барои ба охир расонидани цикли истеҳсол мавҷуд бошад. |
| Роҳ наёфтан ба фурӯш, конфискатсияи бор аз тарафи мақомоти давлатӣ | Бақайдгирии маҳсулот дар Гостстандарт, имконияти бақайдгирии ТУ.<br>Риоя ва бақайдгирӣ дар СЭС<br>Татбиқи ISO 22000 |

Хавфҳои қонунгузорӣ мавҷуд нестанд.

Thank you for trying PDF Suite

**Хулоса аз рӯи асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ**

Дар ин ҷо таҳлили имкониятҳои татбиқи барномаи истеҳсоли омехтаҳои хушкмева дар Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони СХМ аз тариқи асосноккунии техникӣ-иқтисодии барнома оварда шудааст.

Барои татбиқи таҳлил сарчашмаҳои аввалӣ ва дуюмдарача, интернет, нашрияҳо истифода шудаанд. Дар байни сарчашмаҳои аввалӣ мо дар бозорҳои яклухти хушкмева, хоҷагиҳои фермерӣ кор бурда шуд. Объекти таҳлил, мувофиқи дархости техникӣ, техника ва технологияи истеҳсол, бозорҳои фурӯш буданд. Инчунин маълумоти зарурӣ аз тариқи интервью ва мушоҳида, интервюи сифатӣ ба даст оварда шудааст.

Ҳоло дар Тоҷикистони шимолӣ масоҳати умумии заминҳое, ки барои боғ ва ангурзор ҷудо карда шудааст, бештар аз 64 ҳазор гектарро ташкил менамояд. Аз ҷумла, наздики 13 ҳазор гектарро ангурзор, 45 ҳазор гектарро – зардолузорҳо ташкил менамоянд. Аз ҷониби дигар ҷолибии барномаи мазкур дар он аст, ки аз Тоҷикистон дар соли 2008 наздики 100 ҳазор тонна хушкмева содир карда шудааст. Яъне, асоси хуби ашёӣ мавҷуд аст.

Таркибҳои хушкмевагӣ дар бозори ҷаҳонӣ бо ретсептура, навъи резакунӣ, ашёи хоми истифодашаванда фарқ менамоянд. Соҳибкорони тоҷик таркибҳои хушкмевагиро дар чунин ассортимент аз ашёи хоми таҳҷоӣ истеҳсол карда метавонанд: себи қоқ (пала, чоркунҷа); ангури қоқ (донакдору бедонак); ноки қоқ (пала, нима, якпара); шафтолуи қоқ (пала, нима); харбузақоқ (чоркунча, пала, хат-хат); қаролу (бо донаку бе донак); анҷирқоқ (том); зардолуқоқ (донакдору бедонак); олучақоқ, олуболуқоқ(донакдору бедонак). Инчунин метавонад ба таркибҳо меваҳои экзотикӣ дохил карда шаванд.

Аз нигоҳи манфиат таркибҳои омехтаи мевагӣ сарчашмаи витамин ва бофтаҳои ғизоӣ мебошанд. Онҳо инчунин миқдори зиёди микроэлемент ва минералҳо, пектин, инчунин пектин ва наххои ҳалшаванд, ки танзимгари миқдори холестерин мебошанд, доранд.

Таркибҳои хушкмева дорои то 3 маводи гуногун мебошанд: таркибҳои компотӣ, таркибҳои хушкмевагӣ ва чормағзӣ, мюсли. Дар Тоҷикистон истеҳсол ва содирони омехтаҳои хушкмева («компотные смеси») ба роҳ монда шудааст. Истеҳсолоти мазкур барои ба ФР содир кардан мувофиқ карда шуда, дар давоми 30 соли охир бомуваффақият содир карда мешавад. Бозори таркибҳои компотӣ ба ҳаҷми калон, на ба маҳсулоти ҷолиб равона карда шудааст, бинобар ин маржаи фоида минималӣ мебошад.

Маҳсулоти мо, аз таркибҳои мавҷудаи компотӣ фарқ карда иборат аз навъи аввалу олии тоза ва шӯста, ки аз онҳо таркибҳои хушкмева истеҳсол мешаванд ва барои компот ҳам мувофиқанд, мешавад. Маҳсулот чоркунҷа ва хат-хат резакарда ва барои истеъмол мувофиқ кардашуда мешавад. Дар байни кишварҳои истеъмолгари имконпазир бозорҳои Россия ва кишварҳои Аврупо буда метавонанд. Ин гуна таркибҳо аз тарафи истеҳсолкунандагони ФР ва Аврупо тайёр



Thank you for trying PDF Suite

кардашуда ба зарфҳои то 1 кг бастабандӣ карда мешаванд. Маҳсулоти мазкур дар Тоҷикистон истеҳсол намешавад.

Махсулоте, ки бояд тавлид гардад, қариб 1 тонна дар 1 баст мебошад. Ҳангоми кор дар як баст метавон 20 тонна дар як моҳ истеҳсол гардад. Кор метавонад дар давоми 10 моҳ дар як сол иҷро гардад.

Нархи омехтаҳои хушкмева восбаста аз мазмун, навъ, намуд ва вазни ҳар як маҳсулот дар дохили таркиб, инчунин аз сифати маҳсулот ва бастабандӣ вобаста мебошад.

Тавсия дода мешавад, ки таркибҳои гуногунрақам ва гуногунном тавлид гардад. Ҳар як таркиб тавсифҳои гуногун доранд. Ба баъзе таркибҳо чормағзҳои дар минтақа парвариш ёфта илова кардан мумкин аст.

Таҳлил ва баррасии қонунгузорӣ нишон дод, ки ташкилоти бештар мувофиқи талаб будаи коркард Ҷамъияти Масъулияташ Маҳдуд ва ё кооперативи истеҳсолӣ мебошад.

Интихоби ҷойи бизнес бояд наздикии онро ба ашёи хом, ки аз он маҳсулот истехсол мешавад, ба назар гирад. Дар ин ҳолат мо бояд наздикии бозорҳои яклухти хушмевафурӯшӣ, инчунин ноҳияҳои коркарди хушкмева, ки ба анвои хушкмева дастрасиро медиҳад, дар назар дошта бошем. Дар ҷойгиршавии истеҳсолоти мазкур ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшани вилояти Суғд самаранок мебошанд.

Барои истеҳсолот ҷойи худ ва иҷораро истифода кардан мумкин аст. Бозори рушдёфтаи фурӯши хушкмева дар кишвари мо ба ашёи хом нархҳои рақобатпазир дода воридкунандагон ҳамеша харидор меёбанд. Барои ташкили истеҳсоли коркарди хушкмева зарур аст, ки занҷираи муфассали воридоти хушкмева ба корхона таҳия ва идора карда шавад. Маҳсулот метавонад ба бастабандии яклухту чакана печонида шавад. Қуттии чакана метавонад аз бастабандии полипропилении аз 300 грамм то 5 кг иборат бошад.

Барои ба роҳ мондани истеҳсол ва татбиқи бизнес ба кор қабул кардани кормандон ба микдори 21 нафар зарур аст. Қувваи корӣ тамоми сол мавҷуд аст.

Таҳлили техникии татбиқшавии барнома нишон додааст, ки раванди мазкур мушкил набуда имконияти харидории таҷҳизоти зарурӣ вуҷуд дорад. Истеҳсол ва коркарди омехтаҳои хушкмева бизнеси махсус мебошад. Дар айни ҳол аз нигоҳи истеҳсол бештар фаҳмо мебошад. Аммо таркибҳои хушкмевагӣ дар бозори дохилӣ ҳамчун маводи ғизоӣ истифода нашуда ба бозори хориҷӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҳолати пайдо шудани бозор инвеститсияҳо баргардонии то 25% дар як солро дода метавонанд. Таҳлилу баррасӣ нишон дода, ки бизнеси мазкур, мисли ҳар яки дигарро, бе харидор ва имзои шартнома оғоз накарда, хавфҳои қонунгузорӣ ночиз мебошанд.

Thank you for trying PDF Suite

Ба ин тариқ, таҳлили татбиқшавии барнома нишон дод, ки бизнес оид ба истеҳсоли омехтаҳои хушкмева аз ҷиҳати техникӣ татбиқшаванда буда, фоиданок мебошад вале бозор ва хатҳои фурӯши мушаххасро металабад.

Thank you for trying PDF Suite